# No. 43455

# Kazakhstan
# and
# Tajikistan

**Agreement between the Government of the Republic of Kazakhstan and the Government of the Republic of Tajikistan on the promotion and protection of investments. Dushambe, 16 December 1999**

**Entry into force:** *20 November 2001 by notification, in accordance with article 11*

**Authentic texts:** *Kazakh, Russian and Tajik*

**Registration with the Secretariat of the United Nations:** *Kazakhstan, 19 January 2007*

# Kazakhstan
# et
# Tadjikistan

**Accord entre le Gouvernement de la République du Kazakhstan et le Gouvernement de la République du Tadjikistan relatif à la promotion et à la protection des investissements. Douchambé, 16 décembre 1999**

**Entrée en vigueur :** *20 novembre 2001 par notification, conformément à l'article 11*

**Textes authentiques :** *kazakh, russe et tadjik*

**Enregistrement auprès du Secrétariat des Nations Unies :** *Kazakhstan, 19 janvier 2007*

[ TAJIK TEXT – TEXTE TADJIK ]

# *СОЗИШНОМА*

***байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузориҳо***

Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд "Тарафҳои Аҳдкунанда" номида мешаванд,

бо мақсади таҳким ва тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии байни ҳарду Тарафҳои Аҳдкунанда,

муҳайё намудани шароити мусоид ҷиҳати анҷом додани маблағгузории сармоягузорони як Тарафи Аҳдкунанда ба қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар,

бо эътирофи он, ки ҳавасмандсозӣ ва ҳимояи мутақобилаи сармоягузориҳо мутобиқи ин Созишнома ба рушди иқтисодии Тарафҳои Аҳдкунанда мусоидат менамояд, ба мувофиқаи зайл расиданд:

## Моддаи 1
## *Мафҳумҳо*

Барои мақсадҳои Созишномаи мазкур:

1. Истилоҳи "сармоягузорӣ" ҳама гуна навъи арзишҳои амволӣ ва ҳуқуқ ба онҳо, инчунин ҳуқуқ ба моликияти зеҳниро, ки аз ҷониби сармоягузорон дар объекти фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани фоида (даромад) гузоштаанд, аз ҷумла, вале на ба таври мустасно, арзишҳои зайлро дар бар мегирад:

- амволи манқул ва ғайриманқул, ҳама гуна ҳуқуқҳои дигари моликияти вабаста ба он, аз ҷумла байъи ҷоиз ё ҳуқуқи нигаҳдории ипотека ё дигар замонат ва маблағҳои суратҳисоби бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ мавҷуданд;
- саҳмияҳо, амонатҳо (ҳиссаҳо), облигатсияҳо ва ҳама гуна шакли дигари иштирок дар корхонаҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, хоҷагиҳои дастҷамъӣ, иттиҳодияҳо ва дигар ашхоси тибқи қонун ашхоси ҳуқуқӣ эътирофшуда, ки мувофиқи қонунҳои Тарафҳои Аҳдкунанда ба қайд гирифта шудаанд
- вомбаргҳо, қарзҳо, амонатҳои мақсадноки бонкӣ ва молиявӣ ва дигар дархостҳои пулии вабаста ба амалӣ гардонидани сармоягузорӣ;

- ҳуқуқҳо ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ва саноатӣ, бо ҳамчунин объектҳое, ки бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳифз мешаванд, патентҳо, аломатҳои молӣ, нишонаҳои хизматрасонӣ, номҳои ширкатӣ, намунаҳои саноатӣ, сирҳои ҳоҷагидорӣ ва "ноу хау";

- аз нав сармоягузорӣ кардани даромад ва пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳо аз рӯи созишномаҳои кредитӣ.

2. Истилоҳи "сармоягузор" чунин маъно дорад:

а) ашхоси воқеие, ки мувофиқи қонунҳои амалкунанда шаҳрванди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда мебошанд;

б) ҳар як шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи қонунҳои амалкунандаи яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда таъсис гардидааст;

в) шахси ҳуқуқие, ки мувофиқи қонунҳои як Тарафи Аҳдкунанда таъсис наёфтааст, вале мустақиман ё ғайримустақим аз ҷониби ашхоси воқеӣ ё ҳуқуқии ҳамон Тарафи Аҳдкунандаи таҳти назорат мебошад.

3. Истилоҳи "фоида" чунин маъно дорад:

маблағҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти сармоягузорӣ ё вобаста ба онҳо, дар шакли пулӣ ё асл, аз ҷумла фоида, дивидендхо, мукофот барои идоракуни корхонаҳо, хизматрасонии техникӣ ва ҳама гуна маблағҳое, ки бо роҳи қонунӣ гирифта шудаанд.

4. Истилоҳи "қаламрав" чунин маъно дорад:

қаламрави давлатии Тарафҳои Аҳдкунанда, аз ҷумла минтақаҳои озоди иқтисодӣ, тунукобаи континенталӣ ва қаъри замин, ки дар он давлатхои Тарафҳои Аҳдкунанда мутобиқи ҳуқуқҳои байналмиллалӣ ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ доранд ва қонунҳои худро амалӣ мегардонанд.

5. Дигаргунсозии шакли сармоягузории мутобиқи қонунҳо ва дигар асноди меъёрии давлатҳои Тарафҳои Аҳдкунанда иҷозатдодашуда, ки дар қаламрави он сармоягузориҳо амалӣ гардидаанд, ҳамчун сармоягузорӣ хусусияти худро тағйир намедиҳад.

## Моддаи 2
### *Ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи сармоягузориҳо*

1. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ба сармоягузории сармоягузорони Тарафи Аҳдкунандаи дигар мусоидат намуда, ба чунин сармоягузориҳо мувофиқи қонунгузории давлати худ ризоият медиҳад.

2. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда барои сармояи сармоягузорони Тарафи дигари Аҳдкунанда низоми одилона ва баробарҳуқуқро таъмин менамояд ва тавассути истифодаи тадбирҳои худсарона ва поймолкунии ҳуқуқ идора, фаъолия, истифода ва ихтиёрдории сармоягузориҳоро халалдор намесозад.

### Моддаи 3
### *Низоми ҳуқуқии сармоягузориҳо*

1. Тарафҳои Аҳдкунанда дар қаламрави худ нисбат ба низоми сармоягузории мутақобила низоми на камтар мусоидтареро, ки ба сармоягузориҳои сармоягузорони дохилӣ ва ҳар кадом давлати дигари сеюм фароҳам овардааст,таъмин менамояд.

2. Муқаррароти ин модда ба ҳолатҳои зайл татбиқ намегардад:

а) афзалият ва имтиёзҳое, ки як Тарафи Аҳдкунанда нисбат ба сармоягузорони давлатҳои ҷудогона дар асоси ширкати ин давлат дар иттиҳоди гумрукӣ ё иқтисодии озоди тиҷоратӣ пешниҳод менамоянд;

б) афзалияте, ки як Тарафи Аҳдкунанда нисбат ба сармоягузорони давлати чудогона дар асоси созишномаи насупурдани андозҳои дутарафа ва дигар созишномаҳо оид ба масъалаҳои андоз пешниҳод менамояд.

### Моддаи 4
### Кафолати сармоягузориҳо

Сармоягузориҳои сармоядорони яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда наметавонанд мусодира гарданд, миллӣ карда шаванд, ё таҳти тадбирҳое қарор дода шаванд, ки дорои оқибати вобаста ба милликунонӣ ё мусодира (минбаъд - мусодира) гарданд, ба истисноги ҳолатҳое, ки мусодира ба манфиатҳои ҷомеа амалӣ гардад ва ба таври зайл анҷом дода шавад:

- тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои давлати Тарафи Аҳдкунандае, ки мусодираро анҷом медиҳад;
- бидуни поймолкунии ҳуқуқ
- бо пардохти бетаъхири ҷуброни мутаносиб.

Ҷуброни сармояи мусодирагардида бояд мувофиқи нархҳои одилонаи бозорӣ ва дар лаҳзаи аз ҳолати мусодира воқиф гардидани сармоягузор сурат гирад.

Ҷуброн бояд фоизҳои дахлдори ставкаҳои амалкунандаеро, ки аз рӯзи мусодира то рӯзи пардохти чуброн ҳисоб карда шудааст, дар бар гирад.

Ҷуброн бо он асъоре, ки сармоягузориҳо сурат гирифтааст ё бо мувофиқаи сармоягузор бо дигар асъор пардохт мешавад. Интиқоли пардохти ҷуброн ба хориҷа бидуни маҳдудият ва монеа сурат мегирад.

### Моддаи 5
### *Ҷуброни зарар*

Ба сармоягузорони яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки ба сармоягузориҳои онҳо дар қаламрави Тарафи дигари Аҳдкунандаи дар натиҷаи ҷанг ё низоъи дигари мусаллаҳона, вазъияти фавқулодда, бархурди шаҳрвандӣ ё воқеаҳои шабеҳ зарар расонда шудааст, ҳангоми чуброн намудани зарару талафҳои вазъияти номбурда низоме пешниҳод мегардад, ки аз низоми мусоиди ба маблаггузорони худӣ ё сармоягузорони давлати сеюм пешниҳодшуда камтар набошад. Интиқоли ин маблағхо ба хориҷа бояд ба таври озод сурат гирад.

### Моддаи 6
### *Интиқоли маблағҳои пулии вобаста ба сармоягузориҳо*

Тарафҳои Аҳдкунанда гузарондани ҳамаи маблағҳои вобаста ба сармоягузориҳоро бидуни ягон монеа, мувофиқи расмиёти қонунгузории давлати Тарафи Аҳдкунандае, ки дар онҳо пешбинӣ шуданаш мумкин аст, кафолат медиҳанд, аз ҷумла:

- дуруст ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои интиқоли маблағҳо, бо дарназардошти он, ки ҳуқуқи интиқоли озоди маблағҳо вайрон карда нашавад;
- андоз, боҷҳо ва ситонидани маблағи муайян аз ҳисоби маблағи интиқолшуда;
- ҳимояи ҳуқуқи қонунии кредиторон ё таъмини иҷрои қарорҳое, ки дар рафти баррасии судӣ бароварда шудааст.

Расмиёти дар моддаи мазкур нишондодашуда бояд одилона ва ғайритабъизӣ бошад.

Дар Созишномаи мазкур ба интиқоли маблағ инҳо дохил мешаванд:

- сармояи ибтидоии сармоягузорон, инчунин ҳама гуна сармояҳои иловагии хориҷӣ, ки барои дастгирӣ ва тавсеаи сармоягузорӣ истифода мешавад;

- даромад;

- ҷуброн мувафиқи моддаи 4 Созишномаи мазкур;

- пардохтҳое, ки ҳангоми иҷрои баҳси сармоягузорӣ ба миён меоянд;

- пардохтхо мувофиқи созишномаи кредит, инчунин ҳавасмандгардонии вобаста бо ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ва саноатӣ, пардохтҳои вобаста ба созишномаҳои идоракунӣ, хизматрасонии техникӣ ва сервисӣ;

пардохтҳо барои ҷуброни талафот, ки мутобиқи моддаи 5 Созишномаи мазкур анҷом дода мешавад;

- пардохти музди кори ашхоси воқеии Тарафи Аҳдкунандаи дигар вобаста ба фаъолияти сармоягузорӣ;

- пули нақди аз фурӯш ё барҳамдиҳии ягон қисмат ё тамоми сармоягузорӣ бадастомада, вале ба шарте, ки пули накд танҳо бояд бо иҷозати мақоми салоҳиятдор озодона интиқол дода шавад.

2. Интиқоли маблағҳо бидуни ягон таъхири иловагӣ, бо асъори қобили табдили озод, аз рӯи қурби мубодила дар рӯзи гузаронидани он ба шарте ки пардохти андозхо ва бочхо ва риоя намудани меьёрхои конунгузорихои асьори хоричи мувофики конунгузории мукарраргардидаи давлатхои Тарафхои Ахдкунанда бошанд, анҷом дода мешавад.

Интиқоли "бе таъхири иловагӣ" ҳамон интиқоле муносиб ба ҳисоб меравад, ки он дар мӯҳлати барои иҷрои амалиёти расмии вобаста ба интиқол сурат мегирад.

## Моддаи 7

### *Принсипи низоми мусоидтар*

Агар қонунгузории Давлати Тарафҳои Аҳдкунанда ё ҳолатҳои мавҷудаи мутобиқи қонунгузории байналхалқӣ бамиёномадаи байни Тарафҳои Аҳдкунанда танзими иловагиеро дарбар гиранд ва ба таври умумӣ ё ҷудогона нисбат ба сармоягузориҳои анҷомдодаи тарафи сармоягузорони Давлати дуюми Тарафҳои Аҳдкунанда аз низоми дар ҳамин Созишнома пешбинигардида низоми мусоидтарро пешбинӣ на-

мояд, дар он сурат ин танзимҳо дар ҳаҷме, ки онҳо нисбат ба ин Созишнома мусоидтаранд, дорои афзалият мебошанд.

**Моддаи 8**
*Суброгатсия*

1. Агар Тарафи Аҳдкунанда ё ягон институти ваколатдори он ба ҳар сармоягузорони кишвараш дар доираи кафолат ё суғуртаи вобаста ба сармоягузорӣ пардохтро анҷом диҳад, аз ҷониби Тарафи дигари Аҳдкунанда ба Тарафи Аҳдкунандаи якум ё институт гузаштани ҳамагуна ҳуқуқ ва талаботи марбут ба сармоягузор эътироф мегардад. Тарафҳои Аҳдкунанда ё ягон институти он, ки ҳуқуқи сармоягузорро қабул кардааст, ба ҳамон ҳуқуқҳое, ки сармоягузор дорад ва ба талаби чунин ҳуқуқ, дар ҳамон ҳаҷму андоза, бо қайду шарт нисбат ба ӯҳдадориҳои вобаста басармоягузор, ба чунин навъи сармоягузории суғуртакардашуда ҳуқуқ дорад.

2. Дар ҳолати суброгатсия, ки дар банди 1 моддаи мазкур муайян карда шудааст, сармоягузор, агар аз ҷониби Тарафҳои Аҳдкунанда ё ҳама гуна институтҳои онҳо ваколатдор набошад, бо талабот баромад карда наметавонад.

**Моддаи 9**
**Баҳсҳои байни Тарафҳои Аҳдкунанда**

1. Баҳсҳои байни Тарафҳои Аҳдкунанда, ки ба тавзеҳ ё татбиқи муқаррароти ҳамин Созишнома иртибот доранд, бо роҳи дипломатӣ ҳаллу фасл карда мешаванд.

2. Агар Тарафҳои Аҳдкунанда дар муддати шаш моҳи баъди оғози баҳс ба мувофиқа нарасанд, он гоҳ бо дархости ҳар кадоме аз Тарафҳои Аҳдкунанда баҳс ба суди ҳакамӣ дар ҳайати се аъзо супорида мешавад. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда як ҳакам таъин мекунад ва ҳакамҳои таъиншуда раисро, ки шаҳрванди давлати сеюм буда, бо ҳарду Тарафи Аҳдкунанда муносибати дипломатӣ дорад, интихоб менамоянд.

3. Агар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ҳакамро таъин накунад ва бо даъвати Тарафи Аҳдкунандаи дуюм дар хусуси анҷом додани чунин таъинот дар мӯҳлати ду моҳ розӣ нашавад, дар ин ҳолат ҳакам бо

хоҳиши ҳамин Тарафи Аҳдкунанда аз ҷониби Президенти Суди Байналмилалии СММ дар шаҳри Гаага таъин карда мешавад.

4. Агар ду ҳакам оид ба интихоби раис дар мӯҳлати ду моҳ аз лаҳзаи таъин шуданашонон ба мувофиқат нарасанд, онгоҳ бо дархости ҳар кадоме аз Тарафҳои Аҳдкунанда он аз ҷониби Президенти Суди Байналмилалӣ таъин карда мешавад.

5. Агар дар ҳолатҳои дар банди 3 ва 4 моддаи мазкур нишондодашуда Президенти Суди Байналмилалӣ вазифаҳои зикргардидаро иҷро карда натавонад ё шаҳрванди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда бошад, дар ин ҳолат таъиноти мазкурро ноиби Президент анҷом медиҳад ва агар ӯ ҳам вазифаҳои дахлдорро анҷом дода натавонад ё шаҳрванди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда бошад, дар он ҳолат таъинотро судяи дорои рутбаи баландтарини суди Байналмилалӣ, ки шаҳрванди яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда нест, муайян мекунад.

6. Суди ҳакамӣ дигар Созишномаҳои байни Тарафҳои Аҳдкунандаро вайрон накарда, қоидаҳои иҷрооти худро муқаррар мекунад. Суди ҳакамӣ бо аксарияти овоз ҳукм мебарорад.

7. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда хароҷоти таъмини аъзои суди худ, инчунин мувофиқи ҳиссаи худ дар расмиёти ҳакамӣ ба зимма мегирад; хароҷоти таъмини раис ва дигар хароҷотро Тарафҳои Аҳдкунанда баробар ҷуброн мекунанд. Аммо, суд метавонад бо қарори худ пардохти бештари хароҷотро аз ҷониби яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда муайян созад ва чунин қарор ҳарду Тарафи Аҳдкунандаро вазифадор мекунад.

8. Ҳукми суд барои ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ниҳоӣ ва ҳатмӣ мебошад.

## Моддаи 10

### *Баҳсҳои байни Тарафҳои Аҳдкунанда ва сармоягузори давлати Тарафи дигари Аҳдкунанда*

1. Бо мақсади ҳаллу фасли баҳс байни Тарафи Аҳдкунанда ва сармоягузори Давлати Тарафи дигари Аҳдкунанда нисбати сармоягузорӣ байни Тарафҳои манфиатдор музокирот гузаронида мешавад.

2. Агар музокирот дар тӯли шаш моҳ аз рӯзи пешниҳоди хаттӣ оиди оғози музокирот бо қабули қарор анҷом наёбад, тарафҳои баҳскунанда метавонанд чунин рафтор кунанд;

а) агар баҳс марбут ба ӯҳдадориҳои моддаи 4, 5, 6 Созишномаи мазкур бошад, он бо талаби сармоягузор барои қабули қарор ба суди ҳакамӣ супурда мешавад;

б) баҳсе, ки дар зербанди а) банди 2 ҳамин модда нишон дода нашудааст, бо розигии тарафайн барои баррасӣ ба суди ҳакамӣ супорида мешавад.

3. Суди ҳакамӣ барои ҳар як кори инфиродӣ таъсис дода мешавад. Агар Тарафҳои иштироккунандаи баҳс ба мувофиқа наоянд, ҳар яке аз онҳо як ҳакамро таъин менамояд. Ҳакамҳои таъиншуда раисро интихоб мекунанд, ки ӯ шаҳрванди давлати сеюм мебошад.

Ҳакамҳо бояд дар ҷарайёни ду моҳ аз рӯзи қабули дархост ҷиҳати ирсоли баҳс ба баррасии суди ҳакамӣ таъин карда шаванд, раис бошад дар давоми ду моҳи оянда интихоб мегардад.

4. Агар мӯҳлатҳои дар банди 3 ҳамин модда зикр шуда иҷро нагардида бошанд, ҳар яке аз Тарафҳои баҳскунанда, ки аҳду паймони дигар надоранд, метавонад бо хоҳиши ба ҷо овардани таъиноти зарурӣ ба Раиси Суди ҳакамии назди палатаи савдои байналмилалии Париж муроҷиат намояд. Агар Раис вазифаи зикршударо иҷро карда натавонад ё шаҳрванди Давлати Тарафҳои Аҳдкунанда бошад, муқарраротӣ шабеҳи банди 5 моддаи 9 ҳамин Созишнома истифода бурда мешавад.

5. Агар тарафҳо ба мувофиқаи дигар наомада бошанд, суди ҳакамӣ қоидаҳои расмиёти худро муқаррар мекунад. Қарор ниҳоӣ ва ҳатмӣ мебошад. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда қарори суди ҳакамиро эътироф карда, иҷрои онро таъмин менамояд.

6. Ҳар яке аз Тарафҳои баҳскунанда хароҷоти нигоҳдории узви суди худ ва мутобиқи ҳиссаи худ дар расмиёти суди ҳакамӣ ба ӯҳда мегиранд; хароҷоти таъминоти раис ва дигар хароҷотро онҳо чун тарафҳои баҳс баробар ба зимма мегиранд. Аммо суд дар қарори худ метавонад дигар ҳиссаи тақсими хароҷотеро, ки аз ҷониби яке аз Тарафҳо пардохта мешавад, муқаррар намояд ва ин қарор барои ҳар ду тараф ҳатмӣ мебошад.

7. Тарафи Аҳдкунандае, ки тарафи баҳскунанда мебошад, наметавонад дар ҳар давраи расмиёти суди ҳакамӣ ё иҷрои қарори суд ба далеле такя кунад, ки сармоягузор дар натиҷаи шартномаи суғурта ҷуброни қисман ё пурра фарогирандаи зиёни расонидашударо гирифтааст.

8. Дар сурате агар ҳар ду Тарафҳои Аҳдкунанда ҷонибдори Муоҳидаи Вашингтон аз 18 марти соли 1965 "Дар бораи ҳалли баҳсҳое, ки ба сармоягузории байни давлатҳо ва шаҳрвандони дигар давлатҳо дахл доранд" гарданд, бахсҳо ба Маркази байналхалқии ҳаллу фасли баҳсҳои сармоягузорӣ бо тариқи зерин ирсол карда мешаванд:

баҳсҳои дар банди 2 зербанди а) ҳамин модда зикршуда тибқи талаби сармоягузор, ва

баҳсҳои дар банди 2, зербанди б) ҳамин модда зикршуда тибқи мувофиқаи мутақобилаи Тарафҳои Аҳдкунанда.

**Моддаи 11**
**Муқаррароти интиҳоӣ**

1. Созишномаи мазкур бояд ба тасвиб расонида шавад ва баъд аз мубодилаи нотаҳои Тарафҳои Аҳдкунанда дар хусуси тасвиби Созишномаи мазкур эътибор пайдо мекунад. Санаи эътибор пайдо кардани ҳамин Созишнома санаи гирифтани нотаи охирин мебошад.

2. Созишномаи мазкур баъди эътибор пайдо кардан дар тӯли 10 (даҳ) сол амал мекунад ва то замоне эътибор дорад, ки агар амали он тибқи банди 6 моддаи мазкур қатъ карда нашавад.

3. Муқаррароти Созишномаи мазкур аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани он инчунин ба сармоягузорие, ки аз 16 декабри соли 1991 анҷом дода шудааст, татбиқ мегардад.

4. Вобаста ба он сармоягузориҳое, ки то қатъ гардидани амали созишномаи мазкур сурат гирифтаанд, муқаррароти ҳаммаи моддаҳои пешинаи ҳамин Созишнома дар давоми 10 (даҳ) сол аз санаи қатъ гардидани амали он эътибор доранд.

5. Ба Созишномаи мазкур тибқи мувофиқаи хаттии байни Тарафҳо тағйирот ворид кардан мумкин аст. Ҳар гуна тағйирот ҳангоме эътибор пайдо мекунад, ки агар ҳар яке аз Тарафҳо Тарафи дигарро дар хусуси танзими тамоми расмиёти худие, ки ба татбиқи ҷорӣ намудани чунин тағйирот монеъ мешаванд, огоҳ намудааст.

6. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда метавонад дар бораи қатъи амали Созишномаи мазкур Тарафи Аҳдкунандаи дигарро як сол пеш аз анҷоми мӯҳлати амал, баъди гузаштани нӯҳ соли аввал ё дар ҳар вақти баъди ин мӯҳлат ба таври хаттӣ огоҳ созад.

Ҷиҳати тасдиқи ин матлаб мо, намояндагони ба таври зарурӣ ваколатдор, Созишномаи мазкурро ба имзо расондем.

Созишнома дар шаҳри Душанбе дар таърихи "___"_________ соли 1999, дар ду нусхаи аслӣ, ба забонҳои қазоқӣ, тоҷикӣ ва русӣ, ки ҳамаи матнҳо дорои эътибори баробаранд, ба имзо расидааст.

Дар сурати ихтилофи назар дар тавзеҳи муқаррароти ҳамин Созишнома Тарафҳои Аҳдкунанда матни русии онро дастури амал қарор медиҳанд.

| Аз Ҷониби<br>Ҳукумати Ҷумҳурии<br>Қазоқистон | Аз Ҷониби<br>Ҳукумати Ҷумҳурии<br>Тоҷикистон |
|---|---|
| [signature] | [signature] |